# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саломов Муҳаммад Алимуродович дар мавзуи «Таърихи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо аз замонҳои қадим то ибтидои асри ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (таърихи физика)**

Рисолаи диссертатсионии Саломов М.А. натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-тахассусие мебошад, ки ба масъалаҳои мубрами таърихи физикаи амалӣ дар мисоли муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо бахшида шудааст. Дар натиҷаи хулосаву пешниҳодот ва навгониҳои дар автореферат қайднамудаи муаллиф бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур бо тахассуси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (таърихи физика) комилан мувофиқат мекунад.

Мавзӯи рисолаи номзадии Саломов М.А. воқеан яке аз масъалаҳои мубрами таърихи илм ва техника (таърихи физика) буда, аввалан камомӯхташуда ваонияи рӯзмарра ба шумор меравад. Муаллифи рисола дар автореферати худ комилан дуруст қайд менамояд, ки муҳиммият ва мубрамияти омӯзиши он бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Бистсолаи рушд ва омӯзиши илмҳои риёзӣ табиӣ ва техникӣ комилан созгор буда, аз дидгоҳи илми физика, аз аҳамияти таърихии он дар соҳаи илму маориф саривақтӣ мебошад.

Рисола воқеан дорои арзиши илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-таърихӣ мебошад. Маводи таҳқиқот, хулоса, натиҷа, пешниҳод ва интишороти муаллиф метавонад ҳамчун манбаи омӯзишӣ дар соҳаи таърихи физика ва худи физика дар мисоли муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо хизмати арзанда намоянд.

Дар натиҷа муаллиф дуруст қайд менамояд, ки муайян кардани саҳм ва нақши физикдонони асримиёнагии форс-тоҷик дар густариши масъалаи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо бо усулҳои гуногун, баррасии ҷиҳатҳои наомӯхта ва камомӯхтаи физикаи таҷрибавӣ дар осори илмии ниёгони асримиёнагии форс-тоҷик дар соҳаи физика ва роҳҳои гуногуни инкишоф ва паҳншавии осору афкори донишмандони

онҳо бар эҷодиёт ва таълифоту таснифоти донишмандони баъдина дар соҳаи физикаи амалӣ дар мисоли муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо натанҳо дар таърихи илми Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон, балки дар таърихи физикаи ҷаҳонӣ аз рӯи рамзи 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (таърихи физика) аввалин маротиба мавриди таҳқиқоти хоса қарор гирифтааст.

Аз автореферати рисолаи диссертатсионии Саломов Муҳаммад Алимуродович маълум аст, ки ӯ дар мавзӯи «Таърихи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX» тадқиқоти илмӣ-тахассусиеро анҷом додааст. Шарҳи автореферат ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) арзиши назарӣ ва амалии онро инъикос мекунад. Ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки Рисолаи диссертатсионии мавриди назар ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Агарчанде муаллифи диссертатсия Саломов Муҳаммад Алимуродович рисолаи худро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих пешниҳод кардааст, ба андешаи мо, ӯ сазовори ноил гардидан ба унвони номзади илмҳои физикаю математика аз рӯи ихтисоси 07.00.10. – таърихи физика низ мебошад, зеро ҷанбаҳои илмӣ (физикӣ)-и бештар аз ҷанбаҳои таърихиаш мебошад.

**Мудири кафедраи ҳастаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои физикаю математика,**
**профессор** **Махсудов Б.И.**

**Имзои профессор Б.И.Махсудовро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ**

**Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.**
**Тел: (+992 37) 224 22 36**
**E-mail**: maxsudov_barot@mail.ru

**14. 05. 2024.**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Саломов Муҳаммад Алимуродович дар мавзуи «Таърихи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (таърихи физика)**

Таърихи донишҳои физикӣ бо муборизаи шадиди инсоният барои мавҷудияти худ дар табиат, маълумот дар бораи табиати атроф, ки худи табиат – физика аст, ҳосил шудааст. Дар чунин муборизаи муҳим инсон ҳамчун махлуқи бошуур аз олами ҳайвонот ҷудо шуда, аз истифодаи олоти ибтидоӣ - сангу чӯб барои муҳофизати худ ва ҳосил кардани ғизо, сохтани асбобҳои соддаи аввалин, сипас ба асбобҳои торафт мукаммалтар, ба тиру камон, асбобҳои моҳидорӣ, домҳои шикорӣ ва ғайра гузаштааст, ки тақозои замон ва зарурати таърихӣ мебошад. Ҳамаи ин истифодаи донишҳои рефлексии физикӣ бидуни қоидаҳои муайяни илмӣ иҷро карда мешуданд.

Бузургтарин дастовардҳои инсони ибтидоӣ дар кишварҳои бостонии Шарқи Қадим истифода бурдани оташ буд. Дар чунин таҳаввулоти ҳазорсолаҳо шуури инсон ташаккул ёфта, аввалин шарҳҳои ибтидоии падидаҳои атроф, яъне донишҳои ибтидоии физикӣ пайдо шудаанд. Роҳи дигари фаҳмидани табиат, чи гуна онро ба худ, ҳамчун мавҷудоти зинда монанд кардан, ба он ҳиссиёт ва шуур додан буд. Аз дигар тараф, аз рӯи чунин хулосабарориҳо дар баробари донишҳои илмӣ инчунин тасаввуроти динӣ ҳам инкишоф ёфтаанд.

Бо рушди ҷомеа ва меҳнати ҷамъиятӣ, заминаҳои мусоид барои эҷоди нахустин унсурҳои тамаддун батадриҷ фароҳам омадаанд. Дар ин ҷо, албатта пайдоиши ҳунари кишоварзӣ нақши муҳим дорад, ки агар дақиқ таҳлил кунем, он ҳам бидуни донишҳои физикӣ имконнопазир аст. Албатта, дар он ҷое, ки шароити мусоид барои гирифтани ҳосили солона фароҳам меомад ва сол аз сол такрор меёфт, шаҳракҳо, шаҳрҳо ва сипас давлатҳо таъсис дода шуданд.

Диссертатсия унвонҷӯ М.А. Саломов аз муқаддима, тавсифи умумии кор се боб, чор параграф, хулоса, натиҷаҳои асосии илмии рисола, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо. феҳристи адабиёт ва интишороти муаллиф таркиб ёфтааст.

Боби аввали диссертатсия **«Ташаккул ва инкишофи донишҳои физикӣ дар дунёи қадим»** ном дошта. омилҳои ташаккул ва инкишофи донишҳои физикиро дар дунёи қадим бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додааст, ки он аз ду фасл иборат мебошад.

Дар ин параграфҳо диссертант «Аввалин унсурҳои донишҳои физикӣ дар кишварҳои Шарқи Қадим» ва «Ташаккули физика ва роҳҳои муайянсозии вазни хоси ҷисмҳо дар Юнони Қадим ва Рими Қадим»-ро мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Ташаккул ва инкишофи донишҳои физикӣ дар олами исломи асримиёнагӣ»** унвон дошта, аз ду параграф таркиб ёфтааст. Дар параграфи аввали он масъалаи «Манбаи донишҳои физикӣ ва таъсиси марказҳои илмӣ дар асрҳои миёнаи Шарқи исломӣ» мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Унвонҷӯ дар ин параграф доир ба: «Манбаи асосии донишҳои риёзиву табиии олами исломи асримиёнагӣ пеш ва беш аз ҳама осори донишмандони Юнони Қадиму Рими Қадим ба шумор меравад. Албатта, аввалин коре ки донишмандони маркази илмии “Байт-ул-ҳикма” дар Бағдод, ки маъруфтарин маркази илмии исломӣ қаламдод мешавад, аз тарҷумаи осори илмӣ аз забонҳои юнонӣ, сурёнӣ, паҳлавӣ ва ҳиндӣ иборат буд» (Ниг. ба автореф., с.13) ишора намудааст.

Дар параграфи дуюми боби дуюми диссертатсия, ки «Саҳми ниёгони тоҷикон дар муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо» унвон дорад, бевосита ба саҳми физикдонони асримиёнагии форс-тоҷик, аз қабили Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём ва Абдураҳмони Хозинӣ, дар масъалаи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо бахшида шудааст. Нақши осори донишмандони зикршуда натанҳо дар ташаккул ва инкишофи физикаи амалӣ дар мисоли муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо бузург ҳисобидааст,

балки онҳо ба рисолаҳои худ ва тавсияҳои назарӣ, хусусан Умари Хайём бо роҳи татбиқи математикии ин масъала ҷолиб, қобили таваҷҷуҳ ва боиси омӯзишу пажуҳиш ба шумор меравад (Ниг. ба автореф., с.13-14).

Боби сеюми диссертатсия **«Муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо дар Аврупои асримиёнагӣ ва Русия то ибтидои асри XX»** унвон дошта, бе ҷудо кардани параграфи алоҳида ба масъалаи шавқу рағбати донишмандон, хусусан физикдонони асримиёнагии Аврупои лотинӣ ва Русияи асрҳои XVIII-XX пажуҳиш анҷом ёфтааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Саломов Муҳаммад Алимуродович дар мавзуи «Таърихи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX» ҳамчун тадқиқоти комилан анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (таърихи физика) мебошад.

**Номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси**
**07.00.10 – Таърихи илм ва техника, и.в.**
**дотсенти кафедраи математикаи олӣ ва**
**фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи**
**давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Мақсадов Ҳ.И.**
**10.05.2024.**

**Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2.**
**Тел: (+992) 917 94 71 73, E-mail: h-maqsadov@mail.ru**

**Имзои номзади илмҳои таърих Ҳ.И. Мақсадовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Пирзода С.С.**

**10.05.2024.**

ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саломов Муҳаммад Алимуродович дар мавзуи «Таърихи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо аз замонҳои қадим то ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (таърихи физика)**

Рисолаи диссертатсионии Саломов М.А. натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-тахассусие мебошад, ки ба масъалаҳои мубрами таърихи физикаи амалӣ дар мисоли муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо бахшида шудааст. Дар натиҷаи хулосаву пешниҳодот ва навгониҳои дар автореферат қайднамудаи муаллиф бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур бо тахассуси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (таърихи физика) комилан мувофиқат мекунад.

Мавзӯи рисолаи номзадии Саломов М.А. воқеан яке аз масъалаҳои мубрами таърихи илм ва техника (таърихи физика) буда, аввалан камомӯхташуда ва сониян рӯзмарра ба шумор меравад. Муаллифи рисола дар автореферати худ комилан дуруст қайд менамояд, ки муҳиммият ва мубрамияти омӯзиши он бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Бистсолаи рушд ва омӯзиши илмҳои риёзӣ табиӣ ва техникӣ комилан созгор буда, аз дидгоҳи илми физика, аз аҳамияти таърихии он дар соҳаи илму маориф саривақтӣ мебошад.

Рисола воқеан дорои арзиши илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-таърихӣ мебошад. Маводи таҳқиқот, хулоса, натиҷа, пешниҳод ва интишороти муаллиф метавонад ҳамчун манбаи омӯзишӣ дар соҳаи таърихи физика ва худи физика дар мисоли муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо хизмати арзанда намоянд.

Дар натиҷа муаллиф дуруст қайд менамояд, ки муайян кардани саҳм ва нақши физикдонони асримиёнагии форс-тоҷик дар густариши масъалаи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо бо усулҳои гуногун, баррасии ҷиҳатҳои наомӯхта ва камомӯхтаи физикаи таҷрибавӣ дар осори илмии ниёгони асримиёнагии форс-тоҷик дар соҳаи физика ва роҳҳои гуногуни инкишоф ва паҳншавии осору афкори донишмандони

онҳо бар эҷодиёт ва таълифоту таснифоти донишмандони баъдина дар соҳаи физикаи амалӣ дар мисоли муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо натанҳо дар таърихи илми Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон, балки дар таърихи физикаи ҷаҳонӣ аз рӯи рамзи 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (таърихи физика) аввалин маротиба мавриди таҳқиқоти хоса қарор гирифтааст.

Аз автореферати рисолаи диссертатсионии Саломов Муҳаммад Алимуродович маълум аст, ки ӯ дар мавзӯи «Таърихи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо аз замонҳои кадим то ибтидои асри XX» тадқиқоти илмӣ-тахассусиеро анҷом додааст. Шарҳи автореферат ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) арзиши назарӣ ва амалии онро инъикос мекунад. Ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки Рисолаи диссертатсионии мавриди назар ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Агарчанде муаллифи диссертатсия Саломов Муҳаммад Алимуродович рисолаи худро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих пешниҳод кардааст, ба андешаи мо, ӯ сазовори ноил гардидан ба унвони номзади илмҳои физикаю математика аз рӯи ихтисоси 07.00.10. – таърихи физика низ мебошад, зеро ҷанбаҳои илмӣ (физикӣ)-и бештар аз ҷанбаҳои таърихиаш мебошад.

**Мудири кафедраи ҳастаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои физикаю математика,**
**профессор** **Махсудов Б.И.**

**Имзои профессор Б.И.Махсудовро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ**

**Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.**
**Тел: (+992 37) 224 22 36**
**E-mail**: maxsudov_barot@mail.ru

**14. 05. 2024.**